Пардохти патенти корро пешакӣ ба муҳлати то 12 моҳ аз санаи гирифтани патенти кор анҷом додан мумкин аст.

**! Ҳатман чекҳо (расидҳо)-и тасдиққунандаи пардохтро бо худ нигоҳ доред.**

**Дар муҳлати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России нусхаи шартномаи меҳнатиро бо корфармо – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ фиристонед.**

**Патенти корро на зиёда аз 1 маротиба ба муҳлати на зиёда аз 12 моҳ дароз кардан мумкин аст.**

**Пардохти маблағҳои андози патенти кор зарурияти идома додани муҳлати қайди сабти баҳисобгирии муҳоҷиратро аз байн намебарад! Муҳлати қайди сабти худ (регистратсия)-ро мувофиқи давоми муҳлати пардохти маблағи патенти кор дароз кунед!**

Патент ба Шумо ҳуқуқ медиҳад, ки то тамом шудани муҳлати амали он дар Санкт-Петербург зиндагӣ ва мувофиқи ихтисоси дар он сабтшуда кор кунед. Бо тамом шудани муҳлати амали патент аз ФР рафтан лозим аст.

Шумо метавонед патенти кори худро аз нав ба қайд гиред. Барои ин дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи кории то анҷоми муҳлати амали он ариза додан зарур аст. Бо ин мақсад бо ариза оид ба дароз кардани муҳлати патент ба отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России муроҷиат кардан лозим аст.

**! Патенти корро танҳо 1 маротиба ва ба муҳлати на бештар аз 12 моҳ дароз кардан мумкин асту халос.**

Дар ҳолати гум кардани патент ё вайрон шудани он Шумо метавонед ба отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России бо ариза барои гирифтани дубликат (нусхаи дуюм)-и патент муроҷиат кунед. Ба ариза ин ҳуҷҷатҳоро замима кардан лозим аст: шиноснома ва нусхаи он; корти муҳоҷират ва нусхаи он; ҳуҷҷатҳо оид ба пардохти маблағи патент (чекҳо ё расидҳои пардохт).

## РОБИТАҲОИ МУФИД:

**Управление по вопросам миграции ГУ МВД России** (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати Раёсати ВКД Россия)

**по г. Москва:** 8 (495) 587-07-87, https://77.мвд.рф/ms ; **по Московской обл.:** 8 (926) 224-74-28, https://увм.50.мвд.рф;

**по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской обл.:** 8 (812) 573-37-22, 8 (812) 573-30-02, https://78.мвд.рф/ms.

**Многофункциональные миграционные центры** (Марказҳои бисёрҷабҳаи муҳоҷират)

**г. Москва:** 8 (495) 777-77-77; https://mc.mos.ru/ru; **Московская обл.:** 8 (926) 956-33-33; http://emcmo.mosreg.ru

**г. Санкт-Петербург и Ленинградская обл.:** 8 (812) 318-01-22; http://spb.pvsmvd.ru

**Многофункциональные центры предоставления государственных услуг (МФЦ)** – (Марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ – МБҶ)

**г. Москва:** 8 (495) 777-77-77; https://md.mos.ru; **Московская обл.:** 8 (800) 550-50-30, https://uslugi.mosreg.ru

**г. Санкт-Петербург:** 8 (812) 573-90-60; https://gu.spb.ru/mfc; **Ленинградская обл.:** 8 (800) 500-00-47, http://mfc47.ru

**ФГУП «Почта России»** («Почтаи Россия»)
Служба поддержки: 8-800-2005-888, www.pochta.ru

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

### Республика Узбекистан

**Ташкентский городской социально-информационный центр «Истикболли Авлод»**
100015,Республика Узбекистан, город Ташкент, Мирабадский район, ул. Катта Миробод, 4-ый проезд, д. 22
Тел/факс: +998 71 254-12-87 Горячая линия: +998 95 143-94-94
Наманган: +99895 301 94 94 Ургенч: +99899 509 94 94
Нукус: +99895 605 94 94 Ташкент: +99895 143 94 94
iatashkent2014@gmail.com Сайт: http://ia.uz/

### Республика Таджикистан

**ОО «Центр по правам человека»**
Главный офис 734000, Республика Таджикистан
г. Душанбе ул. Валамадзаде 8/1, кв.30
+992 37 227-51-87, +992 918 67-96-06
Приемная юриста: +992 93 300 13 93 Сайт: www.muhojir.info
Чат в Viber: muhojir.info E-mail: hrc.tajikistan@gmail.com

**ОО «Гамхори»**
Республика Таджикистан, Хатлонская область,
г. Курган-Тюбе, ул. Космонавтов, 42/46.
+992 918 88-61-88 E-mail: bahodur9166@mail.ru

### Кыргызская Республика

**ОО «Ресурсный центр для пожилых»**
Бишкек: +996 770 89-18-06 kyrgyzstan.rce@gmail.com

**Местные Общественные Советы по вопросам миграции (МОС) в КР:**
1. Иссык-Кульская область, г. Каракол, ул. Ленина 152
+996 778 013216; +996 704 013216
2. Таласская область, г. Талас, ул. Бердике Баатыра дом 198 кв.5
+996 556 600 295
3. Джалал-Абадская область, с. Багыш ул.Гагарина 60
+996 552 663122; + 996 772 663122

**ОФ «Центр Содействия Международной Защите»**
Кыргызская Республика, г. Ош, ул. Мичурина 9.
+996 3222 44-9-60, +996 3222 44-0-69
center.sip@gmail.com Сайт: www.csip.kg

## ЗАХИРАҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**migrussia.ru** – «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал» – маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, робитаҳои муфид

**«МигрАзия+»** – замимаҳои мобилӣ барои муҳоҷирони корӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО) ва СНГ (ИДМ) (барои Android)

Миграционный учет. Получение патента (на таджикском языке)
Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Авторы-составители: Якимов А.Н., Хлызова Д.В.

Тираж 2000 экз.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Развитие сотрудничества некоммерческих организаций России и Средней Азии, направленного на адаптацию и интегрирование мигрантов в правовое и культурное поле Российской Федерации», реализуемого с использованием гранта Президента Российской Федерации на развитие гражданского общества, предоставленного Фондом президентских грантов.

ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# Бақайдгирии муҳоҷират

# Гирифтани патенти кор

**Ба ёрии муҳоҷири меҳнатӣ**

2019

## БАҚАЙДГИРИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Агар Шумо шаҳрванди хориҷӣ буда, ба Россия омада бошед, бояд аз **қайди муҳоҷирати меҳнатӣ** (сабти ном) дар ҷои омадаатон дар муҳлати 7 рӯзи корӣ гузаред (барои шаҳрвандони Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон - **30 рӯз, барои шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз**).

Дар ҳамон минтақае аз қайди муҳоҷират гузаштан лозим аст, ки дар он кор ва зиндагӣ мекунед.

**! Дар ҷое аз қайди муҳоҷират гузаштан лозим аст, ки воқеан дар он ҷо зиндагӣ мекунед, вагарна Шуморо метавонанд ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани режими муҳоҷират кашанд ва ҷарима кунанд!**

Шуморо **Ҷониби қабулкунандае**, ки бароятон бинои истиқоматӣ пешкаш мекунад, аз қайди муҳоҷират гузаронида метавонад:

- шаҳрванди ФР, ки дар минтақаи Шумо қайди доимӣ дорад;
- шаҳрванди хориҷӣ, ки ба таври доимӣ дар ҳудуди ФР зиндагӣ мекунад;
- шахси ҳуқуқӣ: ташкилоти кордиҳанда, меҳмонхона.

**Ба Шумо чунин ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо зарур мебошанд:**

- шиноснома;
- корти муҳоҷират;
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ,
- нусхаи ҳуҷҷате, ки истифодаи манзили истиқоматиро аз тарафи Шумо тасдиқ мекунад (масалан, шартномаи иҷораи манзил).

**Ба қайди муҳоҷират мондан:**

**1)** Варақа-огоҳиро дар бораи омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷои истиқомат **пур кардан**. Онро аз суроғаи **www.мвд.рф** (бахши хизматҳои давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, қисми «Осуществление миграционного учета»), ё аз ин ҷоҳо **бепул гирифтан** мумкин аст

- дар шуъбаҳои ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России;
- дар марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ (МФЦ);
- дар шуъбаҳои ФГУП «Почта России».

Дар ҳарду қисми варақа бояд суроғаи ҷойи омада, маълумоти шахсии тарафи қабулкунанда ва шаҳрванди хориҷӣ сабт карда шаванд. Тарафи қабулкунанда дар варақа имзо мегузорад. Агар тарафи қабулкунанда ташкилот бошад, муҳр ва имзои роҳбари он гузошта мешавад.

**2)** Варақаро бо нусхаҳои ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба воситаи ФГУП «Почта России» ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России **фиристонидан** даркор аст.

Варақаро ба шуъбаи Управления по вопросам миграции ГУ МВД России ва МФЦ бепул фиристонидан мумкин аст. Кормандони МФЦ варақаро ба Управление по вопросам миграции бепул дастрас мекунанд.

**3)** Қисми буридашудаи варақаро бо қайди қабули ҳуҷҷат аз тарафи кормандони Управления по вопросам миграции ГУ МВД России, МФЦ или ФГУП «Почта России” **гирифтан ва нигоҳ доштан лозим аст**.

**! Баъди кор ёфтан қайди муҳоҷиратро мувофиқи муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ (барои шаҳрвандони ЕАЭС) ё патенти пардохтшудаи кор дароз кардан лозим аст!**

**! Агар Шумо қоидаҳои бақайдгириро вайрон кунед, Шуморо ҷарима ба маблағи аз 5 то 7 ҳазор рубл бо эҳтимоли рондан аз Россия ва манъи вуруд ба муҳлати 5 сол таҳдид мекунад (моддаи 18.8 қ.3 ва моддаи 19.27 қ.3 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ФР).**

## БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ПАТЕНТИ КОР

Барои шаҳрвандони СНГ – ИДМ (**ба ғайр аз шаҳрвандони ЕАЭС - Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон**) патенти корро ба расмият даровардан даркор аст.

**! Дар муҳлати 30 рӯзи ба ФР омадан барои гирифтани патент бояд ҳуҷҷат супурд, вагарна барои вайрон кардани муҳлати гирифтани патент ба маблағи аз 10000 то 15000 рубл ҷарима супоридан лозим мешавад.**

**! Танҳо бо он ихтисосе кор кардан мумкин аст, ки дар патент нишон дода шуда бошад (дар Москва патентро гирифта, ба ҳар гуна кор машғул шудан мумкин аст). Ҳангоми кор ба ихтисоси дар патент сабтнашуда эҳтимоли ба маблағи аз 4000 то 7000 рубл ҷарима шудан мавҷуд аст.**

**Патент танҳо дар шуъбаи отделом по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России таҳия карда ва танҳо дар он минтақаи ФР амал мекунад, ки сабт шуда бошад.**

**Таваҷҷуҳ: Москва, вилояти Москва, Санкт-Петербург, вилояти Ленинград – минтақаҳои гуногун мебошанд!**

Ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани патент фақат ШАХСАН пешниҳод кардан мумкин аст. Патент дар муҳлати 10 рӯзи корӣ аз вақти додани ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба расмият дароварда мешавад.

Дар ҳар минтақа танҳо як ташкилот ҳуқуқ дорад, ки ба гирифтани ҳуҷҷатҳо барои додани патент машғул шавад:

- дар **ш. Москва** – Многофункциональный миграционный центр
- дар **вилояти Москва** – Единый миграционный центр Московской области
- дар **Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград** – ФГУП «Паспортно-визовый сервис» МВД России.

**Барои барасмиятдарории патент чунин ҳуҷҷатҳо лозим мебошанд:**

- ариза барои гирифтани патент (варақаи ариза ва намунаи пур кардани он)-ро бепул аз шуъбаҳои Управления по вопросам миграции ГУ МВД России ё аз сайти https://гувм.мвд.рф в разделе «Осуществление миграционного учета» дастрас намудан мумкин аст;
- шиноснома ва нусхаи шиноснома;
- маълумотнома дар бораи қайди баҳисобгирии муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он;
- тарҷумаи аз ҷиҳати нотариалӣ тасдиқшудаи шиноснома ба забони русӣ – дар идораи нотариалие, ки тарҷумон дорад, карда мешавад;
- корти муҳоҷират, ки мақсади ворид шудан «работа» (кор) нишон дода, санаи вуруд бо муҳр тасдиқ шуда бошад ва нусхаи он;
- хулосаи тиббӣ ва сертификат дар бораи набудани сирояти ВИЧ – дар муассисаи махсуси тиббӣ баъди гузаштан аз муоинаи тиббӣ дода мешавад;
- шаҳрвандони Тоҷикистон инчунин вазифадоранд, ки маълумотномаи шакли 086 пешниҳод кунанд.
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС) – (СИТ);
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия: нусхаи аслии ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таҳсилот дар ҳудуди СССР то 01.09.1991 ё дар ҳудуди Россия баъди 01.09.1991, ё сертификат дар бораи гузаштан аз тести донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия.

Барои **фаҳмидани санҷиши тестӣ ва мустақилона тайёр шудан** ба он сайти «Российский тестовый консорциум» http://testcons.ru ёрӣ мерасонад. Шумо метавонед аз санҷиши озмоишӣ гузаред ва сатҳи донишатонро муайян намоед.

- квитансия (расид)-и пардохти маблағи патент (НДФЛ). ба миқдори 5000 рубл дар ш. Москва, 4750 рубл дар вилояти Москва, 3800 рубл дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград. Маблағро дар ҳар шуъбаи бонк бо реквизитҳои ГУ МВД Россия гузаронидан мумкин аст.

Дар бораи қонунӣ будани патенти кор Шумо аз сайти расмии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России: https://гувм.мвд.рф в разделе «Сервисы по вопросам миграции» - «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства» маълумот гирифта метавонед.

### ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ПАТЕНТИ КОР

Ҳангоми пардохти маблағи НДФЛ барои ҳар моҳи оянда патент ба таври автоматӣ ба муҳлати пардохтшуда дароз карда мешавад. Ҳисоби моҳҳо аз санаи гирифтани патенти кор, ки дар ҳуҷҷат нишон дода шудааст, сар мешавад. Пардохти маблағ на дертар **аз 1 рӯзи ба охир расидани муҳлати пардохтшудаи моҳи корӣ** бояд сурат гирад.

**! Дар сурати сари вақт насупурдани маблағ амали патент қатъ карда мешавад.**